# 23324 - Оё барои мард дар издивоҷ валӣ лозим аст?

**савол**

Оё бар мард воҷиб аст, ки ҳангоми ақди никоҳ валӣ дошта бошад? Агар ҷавоб "бале" бошад, оё ҳар як хешованди ӯ метавонанд ба ӯ валӣ шаванд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бар мард воҷиб нест, ки ҳангоми ақди никоҳ валӣ дошта бошад, балки мард метавонад ақди никоҳро худ бар ӯҳда бигирад. Аммо зан ба валӣ ниёз дорад, зеро аз Оиша ривоят шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд: **«Ҳар зане, ки бе иҷозати валияш издивоҷ кунад, никоҳаш ботил аст, никоҳаш ботил аст, никоҳаш ботил аст».** Ин ҳадисро Тирмизӣ (1102) ва Абудовуд (2083) ва Ибни Моҷа (1879) ривоят кардаанд. Тирмизӣ ин ҳадисро ҳасан донистааст.

Вале агар мард девона ва ё камақл бошад, пас бар ӯ валӣ лозим аст. Аммо агар мард оқил бошад, ба валӣ ниёзе надорад.